# 1. МАЪЛУМОТИ УМУМӢ

1. Минтақаи озоди иқтисодии “Данғара” дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ”№700 аз 25.03.2011 ва бо қарори Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон № 1545 аз 20 январи соли 2010 ҳамчун қитъаи алоҳидаи (маҳдуди) Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфта, дар он барои фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ шароити имтиёзноки иқтисодӣ ва низоми махсуси иқтисодӣ муҳайё карда шудааст.

2. Минтақаи озоди иқтисодии “Данғара” дар Ҷамоати деҳоти Лоҳури ноҳияи Данғара ҷойгир шудааст. Намуди МОИ “Данғара” саноатӣ – инноватсионӣ буда ба мӯҳлати 25 сол (тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ” то 49 сол) дар масоҳати 521,32 гектар ташкил шудааст.

# 2. ПОТЕНСИАЛИ ИҚТИСОДИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ВА ШАҲРИ ДАНҒАРА

1. Вилояти Хатлон аз захираҳои обӣ бой мебошад. Дарёҳои Панҷ, Вахш, Кофарниҳон ва Қизилсӯ дар ин ҷо бо як шоҳроҳи азим муттаҳид шуда, дарёи аз ҳама калонтарини Осёи Марказӣ - Амӯдарёро ташкил медиҳад, ки он дар қаламрави вилоят ба масофаи 85 км ҷорӣ мешавад.

2. Вилояти Хатлон аз захираҳои обӣ бой мебошад. Дарёҳои Панҷ, Вахш, Кофарниҳон ва Қизилсӯ дар ин ҷо бо як шоҳроҳи азим муттаҳид шуда, дарёи аз ҳама калонтарини Осёи Марказӣ - Амӯдарёро ташкил медиҳад, ки он дар қаламрави вилоят ба масофаи 85 км ҷорӣ мешавад.

3. Барои рушди энергетика ва обёрии вилоят дарёи Вахш ниҳоят манфиатнок аст. Мувофиқи ҳисобҳои мутахассисон ба як километри маҷрои дарёи Вахш 14.5 ҳазор кВт рост меояд. Бояд зикр намуд, ки дар вилоят ва дар наздикии минтақа НБО-и Сангтуда-1, Сангтуда-2, Шар-Шар ва Норак ҷойгир мебошанд.

4. Ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатии вилояти Хатлон дар соли 2015 бо нархҳои амалӣ маблағи 3 млрд. 639 млн. сомониро ташкил намуда, суръати реалии он назар ба соли 2000-ум 5 маротибаро дар бар мегирад.

| **<u>Соҳаҳои афзалиятноки вилояти Хатлон</u>**: |
|---|
| - Соҳаи электроэнергетика |
| - Соҳаи истихроҷи нафту газ |
| - Саноати ангишт |
| - Соҳаи коркарди нафт |
| - Соҳаҳои саноати коркарди маъданҳои кӯҳӣ, металлургия, электроника, сабук, мошинсозӣ, кимиё ва масолеҳи сохтмон |